“Тасдиқ мекунам”

Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” номзади илмҳои таърих, дотсент

__________ Набизода М.С.

«25» ___октябри___соли 2025

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба дисссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст.

**Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии** Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03-Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия): аз он ҷумла ба банди 3-“Антропологияи педагогӣ (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4-и “Назария ва консепсияи таълим” (Қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ, фардикунонӣ ва тафриқаи таълим, намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо, технологияҳои таълим, консепсияҳои рушди таълими-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ, мубрамии мавзуи Мирзоева Савригул ба он муйаян карда шудааст, ки рисолаи илмии ӯ бевосита аз ҷамъоварии коркарди маводи воқеӣ ва маълумоти оморӣ ибтидоӣ, таҳлилу баррасӣ ва

ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳияи муносибатҳои методологӣ, санҷиши натиҷаҳо, тадвин ва ибрози хулосаву пешниҳодҳо ва тавсияҳо таркиб ёфтааст.

Истиқлолияти давлатӣ ва таҳаввулоти афкори иҷтимоиву сиёсӣ дар ибтидоӣ солҳои навадуми асри гузашта, то ҷое дидгоҳҳои назарӣ ва амалиро оид ба мактабу маориф дигар кард ва дар назди маъсулини соҳаҳои таълиму тарбият масъалаҳои нав ва хосро гузошт. Дар замони муосир баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон дар масъалаи хонандагони имконияти маҳдуддошта дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва роҳҳои ислоҳ намудани нуқсони нутқ (дизграфия, брадилалия, тахилалия, ринолалия, дислексия, дизартрия, лакнатзабонӣ, афония, баттаризм) муҳиммияти вижа касб намудааст, ки ин мавзуъ ба ҳадди аҳсан дар рисолаи мавриди назар матраҳ гардидааст. Аз ин мавқеъ, таълим набояд фақат бо фаро гирифтани донишҳои тайёр маҳдуд гардад, балки ба такомул ёфтани қобилияту маҳорат, инкишофи шахсияти комил ва омодагии насли наврас ба ҳаёти мустақилона низ мусоидат намояд.

Муҳаққиқ кӯшидааст, ки бо баҳрабардорӣ аз воситаи технологияи ғайрианъанавӣ дар масири бартараф намудани нуқсони нутқи хонандагон таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, дар ин самт ба натиҷаҳои дилхоҳ даст ёфтааст.

Дар ин росто, истифодаи мақсадноки роҳу усулҳои ҷадидро дар ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ таъкид намуда, нақши фанни забони модариро дар ислоҳи нуқсони нутқи хонандагон муҳим арзёбӣ кардааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бо баҳрабардорӣ аз технологияи ғайрианъанавӣ зимни дарсҳои забони модарӣ ва бозиҳои логопедӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

**Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии** Мирзоева Савригул Давлатқадамовна аз ҷиҳати назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки бобати бартараф намудани нуқсони нутқӣ пайваста баргузории усулҳои таълими ғайрианъанавӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин марҳила истифода аз воситаи кластер, эссе, синквейн, баҳс, медонам, метавонам, кӯшиш мекунам ва ислоҳ намудани нуқсони нутқ ба мустақилияти хонандагон барои ҳаёт омода шудан нақши калидӣ мебозад.

Инчунин, аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз дар он аст, ки таҳлили назариявӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқотро, ки тавасути озмоиш татбиқу тасвир

ва самаранокии онҳо исбот шудаанд, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ ибтидоӣ метавонанд аз он ҷиҳати бартараф ва ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқи хонандагони имконияти маҳдуддошта огоҳона манфиат ҳосил кунанд.

Муаллифи диссертатсия ҳадафи таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, пешниҳод менамояд, ки барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони имконияти маҳдуддошта истифодаи воқифонаи технологияи ғайрианъанавӣ самарабахш ташаккул меёбад, агар:

- баргузории дарсҳои забони модарии ғайрианъанавӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони имконияти маҳдуддошта дар муассисаҳои ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ, махсус, литсей ва гимназияҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад;
- бо мақсади ислоҳ намудани нуқсони нутқ машқи логопедӣ бо истифода аз усулҳои муассири таълимии дарсҳои ғайрианъанавӣ самарабахш ба роҳ монда шавад;
- барои бартараф намудани нуқсони шифоҳӣ ва хаттии хонандагони имконияти маҳдуддошта дар раванди таълим аз технологияи ғайрианъавӣ дуруст ва мақсаднок судбардорӣ шавад;
- омӯзгорони оянддаи таҳсилоти ибтидоиро ба сифати нуқсоншиносу логопед тарбият намуда, мунтазам аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронида шаванд.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии ба дастовардаи унвонҷӯ Мирзоева Савригул Давлатқадамовна ифодагари он аст, ки фарзияҳои аз тарафи муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

**Дар боби аввали диссертатсия** “Асосҳои назариявии инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони имконияти маҳдуд дар шароити инклюзивӣ” муаллиф қайд мекунад, ки ислоҳи муваффақонаи нуқсони нутқи хонандагони маҳдуддошта дар машғулияҳои махсуси истисноӣ ва ҳам машғулиятҳои умумифаннӣ роҳандозӣ гардад, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст меоянд.

Зербоби якуми боби якум “Ислоҳ намудани нуқсони нутқ ба воситаи технологияи ғайрианъанавӣ дар низоми таълими забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ” унвон дошта, муҳаққиқ бо такя намудан ба таҳқиқоти илмии олимони ватаниву хориҷӣ таълими босамари фанни забони модариро дар ислоҳи нутқи хонандагон муҳим медонад ва дар ин раванд аз технологияи ғайрианъанавӣ ҳунармандона фоида бардоштанро таъкид намудааст.

“Усулҳои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ дар ташкили корҳои фардӣ, дунафара ва гуруҳӣ ба технологияи ғайрианъанавии таълими забони модарӣ” зербоби дуюми боби якум буда, дар он роҳу усулҳои бартарафсозии нуқсонҳои нутқро доир ба ташкил намудани корҳои инфиродӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ нишон додааст, ки дар ин раванд таълими ғайрианъавии забони модарӣ нақши калидӣ ва асосиро иҷро менамояд.

**Боби дуюми рисола** “Шароитҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар ҷараёни таълимии муассисаҳои таҳсилотӣ” ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Муаллиф дар зербоби якуми боби дуюм таҳти унвони “Тавсифи акустикии садоҳо дар корҳои ислоҳӣ ва артикулятсияи овозҳо дар дарсҳои забони модарӣ”-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, рисолати логопедро тариқи гузаронидани шеваҳои гуногуни дарс: дарс-бозӣ, дарс-мубоҳиса, дарс-форум, дарс-саёҳат ва луғатномаҳо дар ислоҳнамоии нуқсони нутқи хонандагон муфид медонад ва аз ин гуна машғулиятҳо натиҷаҳои назаррас ҳам ба даст овардааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм “Зарурияти банақшагирии машқҳои логопедӣ бо технологияи ғайрианъанавӣ дар дарсҳои забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ - ро мавриди пажуҳиш қарор дода, хонандагони дорои нуқсони нутқи дисграфия, дислексия, дизартрияи сабукдоштаро бо усулҳои технологияи ғайрианъанавӣ ба машғулиятҳои таълимӣ ҷалб намудан лозим донистааст, то ки нуқсонҳои нутқӣ дар кутоҳтарин фурсат ислоҳ ёбанд ва ҳолати руҳафтодагии ин қабил хонандагон пешгирӣ карда шавад.

**Боби сеюми кор** “Нақши бозиҳои логопедӣ дар фаъолгардонии хонандагони дорои нуқсонҳои нутқи таҳсилоти ибтидоӣ бо истифода аз технологияи ғайрианъанавии таълими забони модарӣ” номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал “Хусусиятҳои бозиҳои логопедӣ ва истифодаи корҳои ислоҳи хонандагони нуқсони нутқдошта дар зинаи таҳсилоти ибтидоии дарсҳои забони модарӣ” масъалаи нақши бозиҳои нақшофаринӣ ва машқҳои логопедиро зимни тадриси ғайрианъанавии забони модарӣ судманд медонад. Бо истифода аз ҳарфҳо ва рақамҳо доир намудани бозиро дар ташаккулёбии нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд пураҳаммият donиста, таҳқиқоти озмоишии худро муваффақона ҷамъбаст намудааст.

Довталаби кори илмӣ Мирзоева Савригул Давлатқадамовна корҳои таҷрибавию озмоишии худро дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии (синфҳои фарогир) №11,72,54 -

и шаҳри Душанбе гузаронида, дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз ҷумла дар суҳбату мубоҳиса ва пурсишномаҳое, ки мавсуф анҷом додааст, хонандагони имконияти маҳдуддошта фаъолона иштирок намудаанд, ки натиҷаи онҳо дар ҷадвали амсилаҳо инъикос ёфтаанд.

Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ҳалли худро ёфта, бо истифода аз усулҳои эмперикии мухталиф натиҷагирӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илми: навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, **навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки муаллифи кори таҳқиқоти корҳои зеринро анҷом додааст:

- барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ нақшаҳои дарсӣ мураттаб карда шудааст;

- дар асоси барномаҳои таълими фанни забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ муқоисаи дарсҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба таълими фаъол бо назардошти ислоҳи нуқсонҳои нутқ гузаронида шудаанд;

- дар ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқ аз усулҳои фаъоли таълим бо истифодаи кластер, синквейн, инсерт, гузаронидани семинар, муҳокимаронӣ, баҳс, методи таҳлил ва таркибӣ дар заминаҳои дарсҳои саводомӯзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд;

- усули худназоратӣ, ҳамдигарпурсӣ ва арзёбӣ ба мақсади бе нуқсон муошират намудани хонандагони имконияташон маҳдуд роҳандозӣ шудааст;

- бартараф ва ислоҳ намудани нуқсони нутқ тавассути ҷадвалҳо бо усули медонам, донистам ва донистан мехоҳам ба мадди этибор гирифта шудааст.

Инчунин, арзиши назариявии таҳқиқот аз асосноккунии равишҳои илмии таҳқиқи масоили баргузор намудани усули ғайрианъанавӣ барои ислоҳи нуқсони нутқ ба воситаи кластер, эссе, синквейн, баҳс, медонам, метавонам, кӯшиш мекунам дар раванди таълими забони модарӣ сурат гирифтааст, дар амал татбиқ карда шудаанд. Муносибат ва равишҳои педагогӣ асоснок истифода карда шудаанд, ки онҳо бо мақсади ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд нигаронида шудаанд. Илова бар ин, нақши бозиҳо тавассути машқҳои логопедӣ дар ислоҳнамоии нуқсони нутқ натиҷагирӣ карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** тавсияҳои илмӣ-методии таҳия ва манзуршуда, ки роҳу шеваҳои ислоҳ намудани нуқсони нутқи

хонандагонии имконияти маҳдуддошта нишон дода шудааст, ба таври самаранок таъмин менамояд.

**Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва инчунин, истифодаи бозиҳо тариқи машқҳои логопедӣ дар дарсҳои ғайрианъанавии забони модарӣ илман асоснок карда шуда, дар зимни шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши ин фан ташаккул меёбад.

Хулоса ва натиҷаҳои бадастомадаро нуқсоншиносон, логопедон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд дар раванди таълим ҷиҳати бартарафнамоии нуқсони нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд истифода баранд.

Маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонад ҳангоми маърузаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои мактаббачагон, омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони мавриди истифода қарор дода шавад.

**Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** Мирзоева Савригул Давлатқадамовна аз он шаҳодат медиҳад, ки нуқтаҳои зерин ифодагари онанд:

- нақши дарсҳои ғайрианъанавӣ дар раванди таълими забони модарӣ барои ислоҳи нуқсони нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд;
- машқҳои логопедӣ тавассути бозӣ яке аз воситаҳои таълимии муҳим дар пешгирӣ намудани нуқсони нутқи хонандагон;
- банақшагирии машқҳои ислоҳии дарсҳои ғайрианъанавӣ дар низоми таълими забони модарӣ;
- огоҳона ташкил намудани машғулиятҳои мустақилонаи логопедӣ бо тариқи фардӣ, ҷуфти ва гуруҳӣ;
- мавқеи дарсҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии забони модарӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони имконияти маҳдуддошта.

**Дараҷаи асосноккунии нуқтаҳои илмӣ.** Дараҷаи этимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби кори илмии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна бо заминаи назариявию метологӣ, ки осори илмию педагогӣ ва психологиро дар бар мегирад; корбурди маҷмуи усулҳои якдигарро комилкунандаи раванди таълим, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад; баҳрабардории густурда аз сарчашмаҳо ва маводи гуногуни илмию оморӣ, таълимию

методӣ ва маводе, ки якдигарро комил дақиқ месозад, ҳамчунин, истифодаи методҳои гуногуни эмпирикӣ ва назариявии таҳқиқот, таҳлили ҳаматарафа ва зина ба зина, хулоса ва натиҷаҳои дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардашуда ва тавсибу тасдиқи онҳо дар рафти таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин гардидааст.

Гузашта аз ин, аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии педагогон, равоншиносон, нуқсоншиносон, логопедон ва дигар мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ ва ватанӣ омӯхта шудаанд, ки ба ҷанбаҳои илмии рисола ишора мекунад.

**Афзалияти натиҷаҳои таҳқиқот** боз дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ асоснок карда шуда, дар пояи таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ доир ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд. Инчунин, он серпаҳлу ва пурғунҷоиш ба итмом расида, дар раванди он мутобиқати комили назариявӣ, ки аз таҳкими андешаҳои педагогии донишмандон, омӯзгорон, нуқсоншиносон ва логопедон ба даст омадаанд, бо равишҳои муносиби омӯзиши ин мавзуъ собит гардидааст ва ин имкон медиҳад қазоват намоем, ки хулосаҳо ва муқаррароти ниҳоии таҳқиқот боварибахш ва асоснок мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи махсус ва педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, дар иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар пойгоҳи онҳо гузаронида шудаанд, муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 32 номгӯ ва интишороти илмии муаллиф, аз он ҷумла мақолаи илми дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 24 номгӯй дар маҷмуаи маводи конфренсияҳо ва як дастури таълимӣ ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунад. Аз ин ҷиҳат, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Мирзоева Савригул Давлатқадамовна аз нигоҳи илмӣ асоснок кардашуда, боэътимод ва боварибахшанд.

Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст, андешаву

назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами хусусиятҳои педагогию психологидоштан нақши тадриси забони модарӣ бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ ва таъсири он ба ислоҳи нуқсони нутқи хонандагони имконияти маҳдуддошта равона карда шудаанд. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқтаҳои илмӣ, равишҳои хоси илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ва хулосабарорӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит намудааст, ки дар натиҷаи озмоишу таҳқиқ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо баҳрабардорӣ аз технологияи ғайрианъанавӣ нуқсони нутқи хонандагони имконияти маҳдуддоштаро бартараф ва сатҳи сифати донишфарогирии онҳо ба таври намоён баланд гардидааст.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.** Ягонагии натиҷаҳои бадасомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳилаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин намудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродхо ба кори диссертатсиионӣ.** Дар баробари дасовардҳои муҳимми зикршуда, ки аҳаммияти дарси забони модарӣ бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ дар ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст, аз норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба манфиати кор хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Аз ҷониби муаллиф бозиҳои машқҳои логопедӣ барои ислоҳӣ нуқсони нутқ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Вале агар роҳу усулҳои гузаронидани бозиҳоро дар раванди тадриси забони модарӣ аз нуқтаи назари методӣ саҳеҳтар арзёбӣ мекард, арзиши корӣ илмӣ боз ҳам афзунтар мешуд.

2. Омилҳои зарурати таъмин намудани муассисаҳои таҳсилотӣ бо логопедон бо далелҳои мушаххас зикр мешуд, ба сифати кори таҳқиқотӣ таъсири бештар мерасонад.

3. Беҳтар хуб мешуд, агар дар қисмати тавсияҳои методӣ муаллиф роҷеъ ба роҳу усулҳои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалияи таълим тавсияҳо пешниҳод мекард ва шарҳ медод, ки чӣ гуна онҳо ба омӯзгорон барои самаранокии дарсҳои забони модарӣ дар ислоҳ намудани нуқсони нутқ мусоидат мекунанд.

4. Дар матни диссертатсиония ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр намуд, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.** Диссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи "Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия аз рӯи ихтисоси ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоева Савригул Давлатқадамовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.03 -

Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз 24 октябри соли 2025, суратҷаласаи № 3 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 - нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи педгогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Ализода Шоирахон

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҳмонов Зикриё Пӯлотович

Котиби илмии ҷаласа: Ғафорова Сурайё Пӯлотовна

**Имзоҳои** Ализода Шоирахон , Раҳмонов Зикриё Пӯлотович ва Ғаффорова Сурайё Пӯлотовна тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З. С